*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №44 (2871) | ДУШАНБЕ, 16 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Ҳисобот доданд

**14 апрели соли 2012 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон раисони шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Ваҳдат, Файзобод ва Турсунзода телефонӣ ҳисобот доданд.**

Таваҷҷуҳи асосӣ ба нишондодҳои рушди иқтисодӣ, аз ҷумла иҷрои буҷети давлатӣ дар семоҳаи аввали соли равон, рафти киштукори баҳорӣ, тақвият додани корҳои созандагию бунёдкорӣ ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ ва ҳамчунин ҳифзи мардум аз хатари обхезӣ ва дигар офатҳои табиӣ зоҳир карда шуд.

Таъкид гардид, ки бо истифода аз рӯзҳои офтобӣ бояд қафомонӣ аз нақшаи киштукори баҳорӣ, ки бар асари тӯл кашидани мавсими имсолаи сармо ба миён омадааст, бартараф карда шавад.

Барои таъмини ситодҳои аксуламал ба офатҳои табиӣ бо техникаю маводи зарурӣ ва дар ҳолати омодабош қарор додани онҳо супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дастуру ҳидоятҳои мушаххас ҳамчунин доир ба шабонарӯзӣ ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, бунёди корхонаҳои нав, муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ ва ободонию кабудизоркунии муҳити зист дода шуд.

***www.prezident.tj***

## Дар бораи кушодашавии Иҷлосияи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Иҷлосияи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 20 апрели соли 2012 соати $9^{00}$ дар бӯстонсарои ҳукуматии Кохи Сомон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 19 апрели соли 2012 аз соати $8^{00}$ то $17^{00}$ дар бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи якум, утоқи 2 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо барои маълумот: 20-26, 221-89-35.

● Аз Паём то Паём

## Муроҷиатҳои шаҳрвандон дар Парлумон доимо мадди назар аст

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2010 иброз дошта буданд:

«Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, тамоми рукнҳои давлатро барои амалан таъмин намудани ҳифзу риояи он масъул сохтааст.

… Ҳамчун кафили риояи Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон изҳор менамоям, ки баррасии ҳаматарафа ва холисонаи муроҷиати шаҳрвандон ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо бояд омили муайянкунандаи арзёбии фаъолияти мақомоти давлатӣ бошад».



Ҳамин буд, ки аз тарафи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум, аз рӯзҳои аввали ба кор шурӯъ намуданаш ба масъалаи муроҷиати шаҳрвандон диққати ҷиддӣ ва ҳаматарафа дода шуд. Ба ин хотир тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2010 таҳти №24 барои қабули шаҳрвандон дар бинои марказии Маҷлиси Олӣ «Дафтари қабули шаҳрвандон» ташкил гардид, ки бо тамоми шароит муҳайё мебошад ва вакилон аз он дар вақти пазиройии интихобкунандагон, ки барои муроҷиат меоянд, самаранок истифода мебаранд. Ҳар як муроҷиати шаҳрванд хоҳ хаттӣ бошад, хоҳ шифоҳӣ ба қайд гирифта, барои баррасӣ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фиристода шуда, зери назорати доимӣ қарор мегирад.

Вакилони Маҷлиси намояндагон соле ду маротиба ба ҳавзаҳои интихоботӣ рафта, бо интихобкунандагони худ вохӯриҳо мегузаронанд. Арзу шикоятҳо ва дархосту пешниҳодҳои интихобкунандагон, ки дар ин вохӯриҳо манзури вакилон мегарданд, дар навбати худ аз тарафи вакилон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба таври хаттӣ ба роҳбарияти Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда мешаванд ва баъди таҳлили амиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ва чораҷӯйӣ ирсол мегарданд. Албатта, он дархостҳое, ки маблағҳои калонро талаб мекунанд, ба монанди соҳилмустаҳкамкунӣ, таъмири асосии пойгоҳҳои обкашӣ ва корезҳо, таъмири роҳу пулҳо, сохтмони мактабҳои нав ва ғайра ба барномаҳои дурнамои давлатӣ ворид карда мешаванд.

Ин ҷо мехостам, як мисолеро хотиррасон кунам. Моҳи сентябри соли 2010 ман ва собиқ вакили Маҷлиси намояндагон, раиси фраксияи ҲХДТ дар Парлумон Ҷумъабой Сангинов ба шаҳри Панҷакент бо мақсади вохӯрӣ бо интихобкунандагон сафар доштем. Дар вохӯриҳо яке аз шикоятҳои асосии сокинони шаҳри Панҷакент ва деҳоти Хурмӣ ин хавфи оби дарёи Зарафшон ва мустаҳкам намудани соҳилҳои он буд. Пас аз бозгашти мо дар яке аз маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмат Бобокалонов супориш доданд, ки бо мақсади пешгирии хавфи обхезии дарёҳо, оиди соҳилмустаҳкамкунии ноҳияҳои соҳилнишин барномаи асоснокро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Мо ҳамоно бо дархости вакилӣ арзи сокинони шаҳри Панҷакентро ба саҳми вазир Р. Бобокалонов расонидем ва аз тирамоҳи соли 2011 корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёи Зарафшон оғоз гардид ва яке аз мушкилоти ҷиддӣ ҳалли худро ёфт.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 чунин таъкид гардид: «Таъмини риояи талаботи Қонун «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ва баррасии арзу шикоятҳои онҳо аз тарафи мақомоту сохторҳои дахлдори давлатӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд».

Бинобар ин, ҳоло вакилони Маҷлиси намояндагон алоқаи судманди ҳамкориро бо вазоратҳо, роҳбарони идораву ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба роҳ мондаанд.

Яке аз мушкилоти асосии мардум ин таъмини эҳтиёҷоти онҳо бо замини наздиҳавлигӣ буд. Хусусан соли 2010 ва нимаи аввали соли 2011 дар ин мавзӯъ арзу шикоятҳо зиёд буданд. Хушбахтона, баъди қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди аз ҳисоби заминҳои ғайрикишоварзӣ ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба ҳар оилаҳои эҳтиёҷманди шаҳру ноҳияҳо ва дастгирии бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ин мушкилот қариб сад дар сад дар саросари ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфт.

Дар давоми ду соли вакилиам аз номи интихобкунандагони шаҳру деҳоти Панҷакент ба унвони Маҷлиси намояндагон ба ғайр аз 95 арзу шикоят ва муроҷиати шифоҳӣ, дар соли 2010-ум 12 ва дар соли 2011-ум 14 муроҷиати расмӣ ворид гаштааст.

Қобили зикр аст, ки аксарияти муроҷиати шифоҳии шарҳвандон, ки аслан дар вохӯриҳо пешниҳод мегарданд, дар ҷояш, зимни ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент, хусусан бо дастгирии бевоситаи раиси шаҳр Хусрав Абдуназаров ҳалли худро меёфтанд. Танҳо як дархост, ки ба наздикӣ интихобкунандагон аз деҳаи Майкатаи деҳоти Майката такроран муроҷиат намудаанд, бо сабабҳои номаълум ҳалли худро наёфтааст. Ин ҳам бошад, ҷудо намудани қитъаи замин барои варзишгоҳ, ки онро сокинони деҳа бо дастгирии соҳибкорон ва ба тариқи ҳашар бунёд карданӣ ҳастанд. Боварӣ дорам, ки ин дархост худи ҳамин сол ҳалли худро меёбад.

Ин ҷо аз ҳамкориамон бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд як мисол оварданӣ ҳастам. Моҳи сентябри соли 2010 аз номи сокини деҳаи Қизилҷари деҳоти Амондара Р.Турдиев ва дигарон оиди ташкили хоҷагии деҳқонӣ дар деҳа, ки то ҳол аз сабаби баҳси замин бо деҳаи ҳамсоя ташкил нашудааст, ариза ворид гашта буд. Ба унвони раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода оиди ин муроҷиат дархости вакилӣ фиристодам. Дар асоси супориши он кас гурӯҳи кории вилоят ба шаҳри Панҷакент сафар намуда, масъалаи мазкурро ҳал намуд. Ҳоло он ҷо хоҷагии деҳқонии «Бафокул Ҷумъаев» ташкил гардидааст, ки сокинони деҳа хеле миннатдор мебошанд.

Дар вохӯриҳо бо интихобкунандагон, ки дар ҷамоатҳо ва деҳаҳои шаҳри Панҷакент барпо мегарданд, мардум асосан оиди таъмири мактабҳо, норасоии мизу курсиҳо, фарсудагии онҳо, таъмири беморхонаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ муроҷиат менамоянд, ки яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар шаҳру деҳоти Панҷакент мебошад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент солҳои охир корҳои зиёдеро дар ин самт бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба анҷом расонида истодааст.

Итминон дорем, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ин мушкилот бетараф намемонанд ва аз ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ истифода карда, барои ҳалли онҳо мусоидат менамоянд.

Сабаби асосии муроҷиати шаҳрвандон ва арзу шикоятҳои онҳо, ки ба таври расмӣ ба Маҷлиси намояндагон ворид мешаванд, дар сатҳи шаҳру ноҳия ва вилоят ҳалли худро наёфтани онҳост. Яъне, ҳалли мушкилоти дар ин шикоятҳо дарҷгардида аз мақомоти болоии (ҷумҳуриявии) ҳифзи ҳуқуқ, вазоратҳо ва ташкилоту идораҳо вобаста аст.

Бинобар ин, ҳоло намояндагони халқ бо мақомоту вазоратҳо ва ташкилоту идораҳои ҷумҳуриявӣ, хусусан дар мавзӯи муроҷиати шаҳрвандон, ҳамкории хуб доранд.

Баъзе аз арзу шикоятҳое, ки оиди замин ё чарогоҳ мебошанд, аз даврони Шӯравӣ ба мо мерос мондааст. Дар он солҳо бо талаботи замон заминҳо ва чарогоҳҳои як деҳот барои таъмини чорвои хоҷагиҳои деҳоти дигар ба иҷора дода намешуд, балки якбора ба мувозинати деҳоти дигар гузаронида мешуд. Барои мисол, ин ҷо оиди аризаи дастаҷамъонаи сокинони деҳаҳои Навобод, Қумоқ, Варзиканда ва Заврони деҳоти Лоиқ Шералӣ ва сокинони деҳаи Фароби деҳоти Фароб ёдрас мешавам. Дар даврони Шӯравӣ (солҳои 70-уми асри гузашта), дар деҳоти Шинг колхози номдори «Правда», дар деҳоти Халифа Ҳасан бошад, колхози овозадори ба номи Карл Маркс ташкил ёфта буданд. Шумораи чорвои калон дар колхози ба номи Карл Маркс зиёда аз 3000 сар, моли майда бошад, зиёда аз 10000 сар, дар колхози «Правда» чорвои калон зиёда аз 1800 сар, моли майда 13000 сарро ташкил медод. Бинобар ҳамин, бо пешниҳоди Комитети иҷроияи шаҳри Панҷакент Совети Вазирони РСС Тоҷикистон бо қарори худ 120 гектар замин ва 6000 гектар чарогоҳро аз мувозинаи совхози «Марғедар»-и деҳоти Лоиқ Шералӣ (собиқ деҳоти Колхозчиён) ба мувозинаи колхози «Правда»-и деҳоти Шинг, инчунин 25 гектар замин ва 750 гектар чарогоҳро аз мувозинаи колхози ба номи Ф. Энгелси деҳоти Фароб ба мувозинаи колхози ба номи Карл Маркси деҳоти Халифа Ҳасан бо мақсади захираи хӯроки чорво ва чаронидани чорво гузаронидааст. Ҳатто дар ҳудуди заминҳои собиқ совхози Марғедар барои сокинони деҳоти «Шинг» деҳа ба номи «Боғча» барои 200 хоҷагӣ ташкил карда, барои киштукори онҳо 200 гектар замини обӣ ҷудо карда шудааст. Имрӯз ҳам ин деҳа ва аҳолии он дар мувозинаи деҳоти Шинг қарор доранд ва сокинони он барои як маълумотнома бояд 40-50 км масофаро тай намуда, ба маркази деҳоти Шинг раванд. Аввалан, агар масофаи байни деҳоти Лоиқ Шералӣ ва Шинг 40-50 км-ро ташкил намояд, масофаи байни деҳоти Халифа Ҳасан ва Фароб 70-80 км-ро ташкил медиҳад. Дуввум, аз шумораи он чорвоҳое, ки дар боло ёдовар шудем, ҳоло 10 фоизаш боқӣ мондаасту халос. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки совхози ба номи «Марғедар», колхози «Правда», колхози ба номи Карл Маркс ва колхози ба номи Ф. Энгелс барҳам хӯрда, дар заминаи онҳо мутаносибан 50, 10, 200 ва 5 хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис ёфтаанд. Яъне, дар партави сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон деҳқон соҳиби комилҳуқуқи замин гаштааст. Имрӯз бо талаботи замон бояд ин заминҳо боз аз рӯйи харитаи деҳот ба ҳолати аввала баргардонида шаванд, зеро бо ин роҳ мушкилоти чарогоҳи деҳот, супоридани андози замин ва аз он ҷумла андози чарогоҳҳо ҳалли худро меёбад. Дар ин хусус дар асоси аризаҳои номбурда ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости вакилӣ ирсол гашта буд. Дар ҷавоб чунин посух дода шуд, ки дар ҳақиқат мушкилоти дар аризаҳо дарҷгардида вуҷуд дорад ва ба аризадиҳандагон маслиҳати ҳалли қонунии онҳо пешниҳод гардидааст, яъне ҳалли онҳо аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Ман боварӣ дорам, ки дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ин масъала низ ҳалли худро меёбад.

**(Идома дар саҳ. 2)**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**16 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Шӯро тасдиқ шуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов, муовинони раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Х. Ҳакимова, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният С. Холов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро тавзеҳ доданд.

Тибқи муқаррароти қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои номбурда ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Бо ташаббуси субъектони ҳуқуқи қонунгузор қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар хусуси пас гардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» ва «Дар хусуси пас гардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» қабул гардиданд.

Масъалаҳои дигари рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қарори ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси кори ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» -ро раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор А. Имомов ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот О. Салимзода ба баррасии аъзои Шӯро пешниҳод карда, шарҳ доданд.

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қатъ намудани ваколати муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғуломов А. бо сабаби вафоташ», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қаҳоров А.А.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Худоёров Б.Т.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмонов А.А.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳамралиев Ф.М.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Давлатов М.С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимов Р.Ҳ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Менглиев Р.Ш.», «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саидов Н.С.» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шариф Раҳимзода» - ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур таври алоҳида қабул гардида, онҳо барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Оид ба лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Созишномаи грантӣ (Амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба Лоиҳаи беҳтар намудани роҳи минтақавии автомобилгарди Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон (CAREC- коридори 3)» -ро мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов тавзеҳ доданд.

Доир ба масъалаҳои мазкур қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таври алоҳида қабул шуда, масъалаҳои номбурда барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои охирини рӯзнома – «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

# Муроҷиатҳои шаҳрвандон дар Парлумон доимо мадди назар аст

**(Идома аз саҳ. 1)**

Баъзе аз муроҷиатҳои шаҳрвандон характери пешниҳодӣ – маслиҳатӣ низ доранд. Масалан, муроҷиати сокини деҳаи Ёрии деҳоти Ёрӣ А.Абдушаҳидов бисёр пешниҳодҳои хуброро нисбати андози ягонаи замин, андозситонии замин аз рӯйи категорияи заминро дар бар мегирифт, ки мо онро ба унвони гурӯҳи кории таҳиягарони «Кодекси нави андоз» ба таврӣ муфассал ирсол намудем.

Яке аз орзуҳои деринаи сокинони деҳаи Косатароши деҳоти Косатарош ин сохтани пули даромади деҳа буд, ки моҳи июни соли 2005 дар натиҷаи офати табиӣ, яъне сели калон тамоман аз байн рафтааст. Мардум аз ноилоҷӣ аз бортҳои кӯҳнаи автомашинаҳои КРАЗ-и Корхонаи муштараки «Зарафшон» пули муваққатӣ сохта буданд, вале он дар ҳолати садамавӣ қарор дошт. Сокинони деҳа ҳам соли 2010 ва ҳам соли 2011 якчанд маротиба ба тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ оиди ин масъала муроҷиат карда буданд. Лекин аз сабаби нарасидани маблағ, ин мушкилот дар давоми шаш сол ҳалли худро наёфт. Дар як муҳокимаи парлумонӣ, ки таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагон мӯҳтарам Амиршо Миралиев гузашт, масъалаи рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011» баррасӣ шуд. Баъди ҳисобот вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Наҷмудинов ва муҳокимаи масъала саволу ҷавоб шурӯъ шуд. Ман аз номи интихобкунандагон оиди ҳалли мушкилоти сохтмони пули Косатарош, ки се деҳот -Шинг, Моғиён ва Фаробро бо шаҳру деҳоти Панҷакент мепайвандад, суханронӣ намудам ва дарди дили интихобкунандагонро ба диққати ҳозирин расонидам. Аз тарафи раисикунандаи маҷлис оиди ин масъала ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд ва дар ҳамон муҳокимаи парлумонӣ масъалаи сохтмони пули «Косатарош» ҳалли худро ёфт.

Ҳамчунин мехостам ҳамкории судманди худро ҳамчун вакил бо масъулини Вазорати нақлиёт, хусусан бо вазири он Низом Ҳакимов махсус зикр намоям. Ба ҳамаи дархостҳои пешниҳодшуда, ки тибқи муроҷиат ва арзу шикоятҳои сокинони шаҳру деҳоти Панҷакент оиди мушкилоти нақби «Анзоб», ҳолати пулҳои байни ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент, ки аз дарёи Зарафшон мегузаранд, сохтмони пули «Вешист» -и деҳоти Ёрӣ ва ғайра Низом Ҳакимов ва масъулини вазорат ҳатман чораҳо андешида, посух додаанд.

Дар баъзе мавридҳо, вақте ки роҳбарони ташкилоту идораҳо вазифаи касбии худро иҷро намекунанд, шаҳрвандон маҷбур мешаванд, ки ба мақомоти болоӣ муроҷиат намоянд. Ин ҷо мехостам нисбати аризаи сокини деҳаи Шинги деҳоти Шинг Шомуродов Тоиб, ки аз 9 декабри соли 2010 таҳти №1256 ворид гаштааст, сухан ронам. Аризадиҳанда дар муроҷиати худ иброз намудааст, ки моҳи октябри соли 2010 фарзандаш Маҳмадюсуфи Тоиб ба хизмати ҳарбӣ даъват шудааст. Бародари ӯ, яъне писари калониаш, ки ҳамон вақт хизмати ҳарбиро тамом карда омада буд, вафот кардааст. Мавсуф тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ» талаб намудааст, ки аз сабаби вафоти фарзанди калониаш фарзанди хурдиаш Маҳмадюсуфи Тоиб ҳамчун яккаписар аз хизмати ҳарбӣ озод карда шавад. Дар асоси муроҷиати номбурда ба унвони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости вакилӣ ирсол карда шуд. Бо дастгирии бевоситаи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Хайруллоев Маҳмадюсуфи Тоиб дар давоми як ҳафта ба назди падару модараш баргашт. Дар мавриди вазифаи касбии худро иҷро намудани масъулини деҳоти Шинг ва Комиссариати ҳарбии шаҳри Панҷакент ин масъала бояд бе арзу шикоят ҳал мегашт.

Тавре аз натиҷаҳои пурсиши мардум дар расонаҳои хабарӣ маълум аст, аксарияти муроҷиат ва арзу шикоятҳо нисбати кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи сатҳи маҳаллӣ, бахусус нисбати қарорҳои судӣ мебошанд. Яке аз нахустин аризае, ки дар рӯзҳои аввали оғози фаъолияти вакилиам ба унвони Маҷлиси намояндагон ворид гашт, ин аризаи сокини деҳаи Қизилҷари шаҳри Панҷакент Бафоева Амбарой оиди норозигӣ дар бораи ҳукми Суди шаҳри Панҷакент нисбати фарзандаш Сатторов Азимҷон буд, ки дар натиҷа номбурда ба мӯҳлати 12 сол аз озодӣ маҳрум гаштааст. Пеш аз он ки аризаро ба мақомоти ҷумҳуриявии ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун дархости вакилӣ ирсол намоям, хостам оиди ин оила маълумот дошта бошам. Аз сӯҳбатҳо бо мардуми деҳа ва деҳоти Амондара ба ман маълум гашт, ки оилаи Бафоева Амбарой, ки 10 фарзанд он ҷо тарбия меёбанд, яке аз оилаҳои намунавӣ буда, шавҳараш марҳум Сатторов Холботур омӯзгор ва солҳои тӯлонӣ директори мактаб будааст. Аз сӯҳбат бо худи аризадиҳанда ва хешовандонаш маълум гашт, ки дар давоми як сол якчанд маротиба ба Суди шаҳри Панҷакент ва Суди вилояти Суғд муроҷиат намудаанд, лекин бенатиҷа. Пас аз омӯзиши амиқ бо дархости вакилӣ ба қабули прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерхони Одина рафтам. Он кас маро қабул намуда, бодиққат гӯш карданд ва ваъда карданд, ки ҳатман дар чорчӯбаи қонун меомӯзанд. Дар давоми як моҳ ба ман ва аризадиҳанда хабар омад, ки прокурори вилояти Суғд оиди ин парванда эътироз пешниҳод намудааст. Афсӯс, ки пас аз се моҳи дигар мактуб гирифтем, ки эътирози прокурори вилояти Суғдро Коллегияи судии вилояти Суғд рад намудааст. Пас аз гирифтани ҷавоби рад, аризадиҳанда ва хешу таборaш такроран ба ман муроҷиат намуданд ва ман ба хотири ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ҳамчун вакил бори дуввум ба прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерхони Одина муроҷиат намудам. Дар асоси супориши прокурори генералӣ мутахассисони варзидаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятиро пурра омӯхта, ба унвони Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳукми Суди шаҳри Панҷакент эътироз ирсол намуданд, вале афсӯс, ки боз бенатиҷа...

Моҳи январи соли равон аризадиҳанда Бафоева Амбарой бо бародараш А.Мамадқулов, ҷабрдида М.Абдуллоева ва падару модари ҷабрдида маҷбур шуданд, ки ба қабули муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Амиршо Миралиев биёянд. Дар вақти қабул, ки ман ҳамчун вакил аз шаҳри Панҷакент иштирок доштам, бори дигар шоҳиди хоксорӣ ва бузургии ин шахсият гаштам. Амиршо Миралиев ҳалимона муроҷиаткунандагонро қабул намуда, бодиққат онҳоро гӯш карданд ва аз Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш намуданд, ки арзи онҳоро пурра гӯш карда, дар асоси қонунҳои амалкунанда баррасӣ намоянд. Дар як муддати кӯтоҳ ба унвони Амиршо Миралиев аз Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб омад. Ин ҷо мехоҳам аз таъиноти Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтибос орам: «Ҳукми Суди шаҳри Панҷакент аз 20 ноябри соли 2009, таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди вилояти Суғд аз 4 феврали соли 2010 нисбати Сатторов Азимҷон Холботирович бекор карда, парвандаи ҷиноятӣ барои гузаронидани тафтишоти иловагӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шавад».

Ҳоло як моҳ мешавад, ки Сатторов Азимҷон аз ҳабс озод гашта, муфаттиши Прокуратураи шаҳри Панҷакент тафтишоти иловагӣ бурда истодааст. Ана ҳамин тавр, агар аризаи шаҳрванд А.Бафоева дар мақомоти судии шаҳри Панҷакент ё вилояти Суғд ҳаматарафа дар чаҳорчӯбаи қонун мавриди баррасӣ қарор мегирифт, боиси сарсонии сесолаи муроҷиаткунандагон намегашт...

Пас аз ҳабс озод шудани А.Сатторов модари пираш бо ман телефонӣ сӯҳбат намуда, миннатдории худ ва тамоми аҳли деҳаро шахсан ба Амиршо Миралиев ва мутасаддиёне, ки дар озод шудани фарзандаш саҳм гузоштаанд, баён намуд ва дуои нек кард...

***Шакарбек САМАДОВ,***
***вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Андозаи замини ҷумҳурӣ муайян гардид

**-Дар асоси ҳисоботи солонаи кумитаҳои заминсозӣ андозаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, бо пешниҳоди Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро аз марти соли ҷорӣ тасдиқ намуд,-иброз дошт раиси Кумитаи мазкур Маҳмадтоир Зокиров ба мухбири АМИТ «Ховар».**

Ба гуфти М.Зокиров, масоҳати умумии тамоми замини марзию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 млн. 255 ҳазору 397 гектарро ташкил дод. Мутобиқи моддаи 3-юми Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин аз рӯйи истифодабариаш ба 7 гурӯҳ тақсим шудааст: Замини таъиноти кишоварзӣ дар масоҳати 6 млн. 987 ҳазору 661 гектар, замини маҳалҳои аҳолинишин ба андозаи 180 ҳазору 803 гектар, замини саноат, нақлиёт, алоқа ва таъиноти дигар ба миқдори 180 ҳазору 962 гектар, замини таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ, таърихию маданӣ дар ҳудуди 2 млн. 685 ҳазору 486 гектар, замини фонди давлатии ҷангал, ки дар истифодаи доимии корхонаҳои Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 1 млн. 194 ҳазору 95 гектар қарор дорад, замини фонди давлатии об ба миқдори 39 ҳазору 667 гектар ва замини захираи давлатӣ, ки дар масоҳати 3 млн. 18 ҳазору 197 гектар дар семоҳаи якуми соли 2012 ба ҳисоб гирифта шудааст.

# Имзои созишнома байни Ҳукумат ва иттиҳодияҳои корфармоён

**14 апрели соли 2012 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Созишномаи генералӣ барои солҳои 2012-2014 ба имзо расид.**

Дар маросими имзои созишномаи мазкур аъзои Комиссияи сеҷонибаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шумораи баробари намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистонро дар бар мегирад, иштирок намуданд.

Лоиҳаи созишномаи генералӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, онро аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвазири мамлакат Оқил Оқилов, аз ҷониби Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон роҳбарони онҳо - Азизбек Шарипов ва Муродалӣ Солеҳов имзо гузоштанд.

Созишнома бо мақсади таҳкими усулҳои шартномавии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, тавсеаи ҳамкории мувофиқашудаи давлат, мақомоти намояндагии кормандон ва корфармоён дар робита ба таъмини ҳуқуқу кафолатҳои меҳнатию иҷтимоии кормандон ва дар маҷмӯъ суботи иҷтимоӣ дар давраи миёнамӯҳлат, омода шудааст.

***АМИТ «Ховар»***

# Ба «Садои мардум» ҷавоб омад

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаи муаллифон - вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амир Қаракулов ва Зиёратшо Саъдуллоро таҳти унвони «Ҳоли табоҳи чарогоҳҳо беҳбудӣ мехоҳад», ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 13 декабри соли 2011 (№47) чоп шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд:

Бо назардошти афзун гардонидани чарогоҳҳо, мусоидат барои зиёд кардани саршумори чорво, истеҳсоли гӯшту шир, пӯст дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, саноат бо ашёи хом ва ташкили ҷойҳои нави кор Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008 таҳти №481 «Дар бораи Барномаи беҳтар намудани ҳолат ва самаранок истифода бурдани чарогоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» ба тасвиб расидааст. Тибқи қарори мазкур, ҳамасола аз буҷети ҷумҳурӣ ҷудо намудани 200 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз ҳисоби ин маблағ, вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳар сол миқдори муайяни чарогоҳҳо беҳтар гардонида мешавад. Дар давоми се сол аз ҳисоби маблағҳои барнома 495 гектар чарогоҳҳо куллӣ беҳтар карда шуданд.

Бо мақсади таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳои амалишавии барномаи Созишномаи молиявии грантӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бунёди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба татбиқи Лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» ба имзо расонида шуд. Амалишавии лоиҳаи мазкур семоҳаи аввали соли 2012 дар ноҳияҳои Фархор, Панҷ, Шаҳритус, Ҷ.Румӣ, Вахш ва Қабодиёни вилояти Хатлон оғоз ёфт.

Мавриди зикр аст, ки ҳоло дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳҳо» гурӯҳи корӣ таъсис шуда, якҷо бо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи зарурӣ омода мешавад.

***Ҳ.ФАҚЕРОВ,***
***муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**● Вакилони халқ 1938-2010**



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ОРИПОВ Иноят**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шахтёр №39, шаҳри Исфара***

Соли 1929 дар шаҳри Исфара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи махсус.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948, баъди тамом кардани мактаби саноати кӯҳӣ, дар шахтаи №2-юми Шӯроб сар кардааст. Коргари корхонаи ҷӯбу тахтакаш, ангишткани шахта, аз соли 1960 сардори бригадаи коргарони шахтаи №2-юми Раёсати кони «Тоҷикугол» буд.



**ҚУРБОНОВ Ортиқбой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шӯроб №40, шаҳри Исфара***

Соли 1920 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олии нопурра.

Раиси Комиҷроияи ноҳияи Конибодом, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Мастчоҳ ва шаҳри Исфара, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти раёсати саноатӣ-истеҳсолии Исфара буд.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Барои хизматҳои ҷангӣ», «Ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ШЕВЧЕНКО Иван Викторович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Адрасмон №41, шаҳри Қайроққум***

Соли 1930 дар Украина таваллуд ёфтааст. Миллаташ украин, таҳсилоташ миёнаи техникӣ.

Баъди хатми техникуми химикӣ-механикӣ сардори смена, котиби кумитаи комсомолии корхона, кумитаи шаҳрии комсомол, котиби дуюми Кумитаи комсомолии вилояти Ленинобод буд. Аз соли 1960 ба кори ҳизбӣ гузашта, котиби Кумитаи ҳизбии саноатӣ-истеҳсолӣ интихоб шуд.



**РУСТАМОВ Мирзоқосим**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Олтин Топган №42, шаҳри Қайроққум***

Соли 1917 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1950 то соли 1955 котиби якуми Кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист, раиси Комиҷроияи Шӯрои вилоятӣ шуда кор мекард. Аз соли 1963 раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони шаҳри Қайроққум буд.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳо мукофотонида шудааст.



**АЛИЕВА Мукаррама Охуновна**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Консой №43, шаҳри Қайроққум***

Соли 1928 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Коргарзани мошинҳои борбардории сехи маъданҳои кӯҳии кони Консой буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.



**БУРҲОНОВ Ғуфрон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чоругдаррон №44, шаҳри Қайроққум***

Соли 1922 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1945 дар артели маъдантозакунии №2 ва шахтаи асосӣ ҳамчун коргар сар кардааст. Аз соли 1952 устои кӯҳкани раёсати маъданҳои кӯҳии Чоруғдаррон буд.

Бо ордени Ленин ва медали «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.



**ЗОҲИРОВА Ҳабиба Собировна**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қайроққум №45, шаҳри Қайроққум***

Соли 1937 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1961 Институти политехникии шаҳри Душанберо тамом кардааст. Аз рӯйи ихтисосаш муҳандис-технологи коркарди механикии масолеҳи нахдор буд. Дар Комбинати қолинбофии Қайроққум шогирди устои смена, баъд устои сменаи корхонаи қолинбофӣ шуда кор кардааст.



**БОБОКАЛОНОВ Назир Каримович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Киров №46, шаҳри Конибодом***

Соли 1926 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1962 сармуҳандис, баъд сардори шӯъбаи Душанбегии роҳи оҳани Тошкент ва аз соли 1962 раиси Кумитаи давлатии Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо медали «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**МАКАРОВ Рудолф Василевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Коммунистӣ №47, шаҳри Конибодом***

Соли 1931 дар шаҳри Тула таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1954 Институти индустриалии Куйбишевро хатм кардааст. Ихтисосаш муҳандиси барқ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1954 сар кардааст. Аз соли 1957 котиби кумитаи комсомолии шаҳри Куйбишев, ташкилотчии масъули КМ ВЛКСМ дар РСФСР ва аз соли 1961 котиби дуюми КМ ЛКСМ-и Тоҷикистон буд.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

**● Варзишгарони мо**

# Искандар — паҳлавони майдон

## *соҳиби роҳхат ба бозиҳои олимпӣ дар Лондон гардид*

Ҳар шахсро агар заррае дар дил меҳру муҳаббат, нангу номуси ватандорӣ бошад, аз камтарин дастоварду пешравии миллату Ватан бояд ба ваҷд биёяд. Ба ҳамин монанд, аз ғалабаҳои пай дар пайи гӯштигирон, муштзану гурзпартоҳо ва дигар варзишгарон – Рустаму Гурдофаридҳои тоҷик дар арсаи байналмилалӣ, бидуни ихтиёр касро эҳсоси хушнудию сарфарозӣ фаро мегирад, зеро нотавонбинони миллати мо дар ҳама ҷо гулӯ дарронда, исбот карданӣ мешаванд, ки аз тоҷик ба ғайр аз шоир, сароянда ва деҳқон касе дигар намерӯяд. Ҳарчанд аз манфиат холӣ намебуд, ин эродҳоро ба хотири ислоҳи камбудӣ, рафъи падидаҳои номатлуби имрӯз авҷгирифтаи шоиру сарояндатарошиҳо миёни ҷавонон ба назар бигирем. Баробар бо ин, ба корҳои бузургу созанда қодир будани миллати худро исбот намоем.

Айнан, ба шеваи гуфтори боло, солҳои ҳафтодуми асри гузашта, дар яке аз шумораҳои маҷаллаи «Роман – газета» навиштаи саропо бузургманишонаю ифротгароёнаи курде ба табъ расида буд. Гап сари он аст, ки халқи курд аз лиҳози забонӣ бо тоҷикон қаробат доранд ва бо ҳамин ваҷҳ гоҳо онҳоро тоҷик ҳам ном мебаранд. Аз афташ, он курди «зӯр» - и бадбахт чунин баҳогузориро ба курдҳо таҳқир ҳисобида, навишта буд:

«Я курд – воител, я не таджик, не пахар». Яъне, ман курди диловару ҷанговар ҳастам, на ин ки кадом як тоҷики барзгар. Дуруст. Ҳамин диловарию ҷанговарӣ ва дилу нияташон ҳаст, ки ҳеҷ не халқаш соҳиби Ватан ва истиқлолият гардад. Ватану давлатдорӣ ва истиқлолият бошад, тӯли асрҳои зиёд ба тоҷики деҳқон осон даст нададааст. Оре, тоҷик бо заҳмати ҳалоли деҳқонӣ, қалами бурро, хиради азалии шоирона, теғи ҷонбахши синоӣ ва саду ҳазорон мардони далери майдонаш чун Спитамену Темурмалик, Восеву дигарон алайҳи онҳое, ки мехостанд аз беху бунаш дарандозанд, истодагарӣ карда тавонист.

Ба хотири эҳтирому арҷгузорӣ ба фарзандони номбардори миллат аз ҳама соҳаҳо ва дар иртибот бо гуфтаҳои боло ҷоиз донистем, ки дар бораи яке аз паҳлавонони ҷавону умедбахши тоҷик, дастпарвари мактаби бузурги касбии ҷаҳонпаҳлавон Саймӯъмин Раҳимов – Искандари Рустам навиштаеро ба хонанда пешкаш намоем.

Искандар соли 1991 дар шаҳри Кӯлоби бостонӣ пой ба арсаи ҳастӣ гузоштааст ва ҳоло донишҷӯйи соли чоруми филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Дар арафаи Ҷашни байналмилалии Наврӯзи имсола ин паҳлавони ҷавон дар мусобиқаи умумиҷумҳуриявӣ оид ба гӯштии тарзи озод дар вазни 96 кило маротибаи сеюм ғолиб омада, унвони Чемпиони Тоҷикистон ва сеюмин медали тиллои мусобиқаро соҳиб шуд.

- Искандар ҳанӯз дар синфи чорум мехонд, ки Анвари тағояш - ҳамсоя, ҳамсолу ҳамсабақи камина ӯро бо хоҳиши ман ба машқи гӯштӣ наздам овард, чунки ҳар гоҳе Искандари хурдсол ба хонаи бобояш – Мирзо Бегматов меомад, ман дар симои ӯ паҳлавониояндаро пайхас мекардам,- мегӯяд мураббӣ ва устоди Искандар - Дилшод Файзов.

Аз сӯҳбат бо Д.Файзов маълум гардид, ки машқгоҳ ҳанӯз даврони шӯравӣ барои тамрини донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб бунёд гардида буд. Мураббӣ ва беҳтарин паҳлавони замон Виктор Едзаев аз ташаббускорони бунёди ин кохи варзишӣ маҳсуб меёбад. Бахосиятӣ ва табаррукии машқгоҳ боз дар он аст, ки ҷаҳонпаҳлавони тоҷик дар риштаи гӯштии тарзи самбо – Саймӯъмин Раҳимов аз ҳамин ҷо ва аз ҳамин устод таълими паҳлавонӣ гирифта, то зинаи баландтарини шӯҳрат расида буд.

Худи Дилшод Файзов ҳам аз ҳамин даргоҳ ҳамчун паҳлавон ва инсон файзу баракати касбӣ ва зиндагӣ пайдо намудааст. Искандар бо камоли ифтихору эҳтиром номи устодонаш Дилшод Файзов, Азиз Раҳматуллоев, Фаррух Бӯриев, Дилшод Рустамовро ба забон меорад. Солҳои 2010-2012 барои Искандари Рустам солҳои бофайзу барор гардид. Дар аввалҳои соли 2010 ба ӯ муяссар шуд, ки дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштии тарзи озод ва классикӣ ширкат варзида, ғолиб ояд ва унвони Устоди варзиши Тоҷикистонро мушарраф гардад. Ҳамон сол боз дар чандин мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, ғалаба ба даст овард.

Ин ҳама барор эътимоду боварӣашро ба худаш қавитар гардонид. Соли 2011 дар мусобиқаи навбатии



гӯштигирии Осиёи Миёна, ки дар шаҳри Чкаловски вилояти Суғд баргузор гардид, ҷойи сеюм насибаш шуд.

Ҳамон сол Искандарро имконияти иштирок дар мусобиқаи ҷаҳонии гӯштигирӣ дар шаҳри Истамбули Туркия пеш омад. Сабкат сабкати оддӣ набуд. Аз паҳлавон маҳорату таҷрибаи зиёдро тақозо менамуд, чунки дар мусобиқа паҳлавонҳое аз бисёр давлатҳои ҷаҳон иштирок мекарданд, ки ба қавле гургони борондида буданд. Дар пешорӯйи онҳо Искандар ниҳоят ҷавон ҳисоб меёфт.

Мебоист паҳлавони ҷавони тоҷик ба Осетия барои тамрин мерафт, аммо камбуди маблағ ба ин имкон намедод. Падару модари Искандар ҳама вазниниро ба гардан гирифта, маблағи заруриро барояш пайдо намуданд, то писарашон ноумед нагардад. Дар дарёфти маблағи зарурӣ, раиси ҳамонвақтаи шаҳри Кӯлоб Ҳамид Абдуллоев низ кӯмак намуд. Искандар ҷониби Владикавказ раҳсипор шуд. «Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад» гуфтагӣ барин, медонед ӯро дар ин ҷо кӣ қабул кард? Ҳамон Виктор Едзаеве, ки солҳо дар Кӯлоб зиста, Тоҷикистон барояш азиз буд ва дар баробари чандин паҳлавонҳои тоҷик, ҷаҳонпаҳлавон Саймӯъмин Раҳимовро ҳам машқҳо дода буд. Ҳарчанд ӯ Искандари ҷавонро аз наздик намешинохт, вале чун тоҷик ва аз Тоҷикистон, боз аз шаҳри Кӯлоб буданашро фаҳмид, кӯдаквор завқ мебурд. Барои Искандар тамоми шароити зисту машқро муҳайё намуд. Дар тамринҳо ҳам бештар бо ӯ кор мекард. Бо Артур Таймазов, Ҳоҷимурод Гатсалов, Заурбек Софиев барин паҳлавонҳои чемпионҳои олимпии Федератсияи Россия дар ин ҷо машқ кардан барои Искандар шараф буд. Дар давраи машқ ӯ аз ин паҳлавонҳои ботаҷриба бисёр нозукиҳои гӯштиро аз бар кард.

...Лаҳзаи деринтизор барои Искандар фаро расид. Мусобиқа оғоз ёфт.Ба майдон паҳлавононе мебаромаданд, ки шерони жаёнро мемонданд. Кас аз тамошои пайкари обутобёфта ва ҳунарашон сер намешуд.

Инак, паҳлавони бистсолаи тоҷикро дар вазни 96 кило ба майдон хонданд. Искандар бар паҳлавонҳои зӯрманди латвиягӣ – Ионас Лагаткис ва бразилӣ – Родригис Да – Силва дастболо гардид. Дафъаи сеюм бо паҳлавони турк Серхат Балчиев дар набард гардид. Ба қавле қувваозмоӣ дар хонаи худ, таҷрибаи бой ва дастгирии мухлисони сершумори ҳамватанон ба паҳлавони турк имконият доданд, ки бо бартарии андак ғолиб эълон гардад. Искандари Рустами тоҷикистонӣ дар байни паҳлавонҳои 46 мамлакати дунё ҷойи дуюм ва медали нуқраро соҳиб гардид, ки ин ҳам ғалабаи калон ҳисоб меёфт.

Шермарди ҷавони тоҷик баъдан дар мусобиқаҳо дар шаҳри Красноярскийи Федератсияи Россия, чемпионати Осиё дар Кореяи Ҷанубӣ бомуваффақият баромад карда, маҳорати худро боз ҳам сайқал дод.

Ниҳоят, ӯ дар вазни худ, дар даври чорякфиналии мусобиқа оид ба гӯштии тарзи озод ва гӯштии юнониву румӣ, ки дар шаҳри Остонаи Қазоқистон гузашт, паҳлавони хитоӣ Чин Суи Хияоченг ва паҳлавони муғул Ҷорханд Худербулганро шикаст дода, соҳиби роҳхат ба бозиҳои тобистонаи олимпӣ дар Лондон гардид.

**Боиси рӯҳбаландӣ ва сарфарозии ҷавонон ва варзишгарон аст, ки Президенти мамлакат ба рушди варзиш дар ҷумҳурӣ бевосита таваҷҷуҳи хоса дорад. Бо дастгирию ғамхориҳои падаронаи ӯ дар бисёре аз манотиқи кишвар маҷмааҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд. Бо вуҷуди ин, аз беаҳамиятии масъулони баъзе шаҳру ноҳияҳо дар соҳа ҳанӯз камбудию норасоиҳои зиёд ҷой доранд. Бовар кунед, хизмати машқҳои варзишӣ дар тарбияи солимии ҷавонон камтар аз шифохонаю табобатгоҳҳо нест. Чӣ қадар ҷавонон аз амалҳои номатлуб дур карда шуда, ба чӣ қадар оилаҳо варзиш бахту саодат меорад? Вале аламовар аст, ки паҳлавонони фидоие, ки дар рӯ ба рӯйи паҳлавонҳои ҷаҳонӣ бо ғурури тоҷикона истодагарӣ менамоянд ва дастболо мегарданд, дар шаҳру диёри худ пешорӯйи мушкилот оҷизу нотавонанд. Мисли Искандар дар шаҳру навоҳии мамлакат ҷавонони боғайрату ҳунар кам нестанд, ки метавонанд оянда шарафи варзиши Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳимоя намоянд, вале аз набудани таваҷҷуҳ, дастгирию ғамхории масъулони маҳаллӣ аксари онҳо аз варзиш дилхунук гардида, бархе чун паҳлавон Тоҷиддин Хоҷаев аз номи дигар давлатҳо баромад менамоянд ва қисмати боқӣ ба ҳайси муҳоҷирони меҳнатӣ дар Россия барин давлатҳо ба мардикорӣ машғул мешаванд.**

**Чуноне аз сӯҳбат бо Дилшод Файзов, Азиз Раҳматуллоев барин дилсӯзони соҳа бармеояд, машқгоҳи куҳанбунёди даврони шӯравии донишгоҳ, ки наврасону ҷавонони шаҳр машқи гӯштӣ менамоянд, ба оддитарин талабот ҷавобгӯ нест. Баъди ҳар машқ бояд варзишгарон оббозӣ кунанд. Диданд, ки касеро парвояшон нест, якҷоя миён баста, ду зарфи калони оҳаниро устувор ва тавассути насос аз об пур ва шустушӯи бадан менамуданд. Чӣ мегӯед, ки ҳамин ҷо ҳам ба баъзе чашмносерони зӯр лозим шуд. Омаданду худсарона ҷойи оббозигоҳи онҳоро, ки пушти бинои машқгоҳашон буд, ба ҳоҷатхона табдил доданд. Дар натиҷа, аз бӯйи зиёд машқ як тараф истад, лаҳзае он ҷо истодан номумкин шудааст. Ҳол он ки ин нуқта дар маркази шаҳр, байни толори варзишӣ, донишгоҳ ва Коллеҷи омӯзгорӣ ҷойгир аст. Бӯйи бади ахлоту наҷосат, ҳавои ифлос ба гирифтор шудани варзишгарон ба касалии пӯст оварда расонидааст. Дар чунин ҳолат паҳлавон ҳар қадар зӯрманду машҳур бошад ҳам, ба иштирокаш дар мусобиқаҳо иҷозат дода намешавад. Аз ин ҳол, на раиси шаҳр, на раиси маҳалла ва фаъолони шаҳрро парвое нест. Ҳатто масъулони стансияи санитарӣ – эпидемиологӣ аз ин наздикиҳо гузар ҳам намекунанд.**

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***
***Саид РАҲМОН, шаҳри Кӯлоб***

● Зикри хайр

# ҲАМНАФАСИ ХАЛҚ

Ин сатрҳо аз фаъолияти роҳбари закӣ ва дардошнову донишманд-Махсум Фозилов, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тоҷикобод (шаш даъват) ҳикоят мекунад. Вай рӯзгори рангине ба сар дошту зинаҳои гуногунро бо талошу суботи пайваста тай зада, то курсии раиси ноҳия сабзид. Оре, дар муддати на чандон тӯлонӣ ба дили халқ роҳ ёфта, миёни ҳамдиёрону дӯстон маҳбубияти хоса пайдо намуд.

Махсум дар оилаи зиёӣ, фидоии роҳи маърифат Фозил Нидоев тарбияти ақлониву зеҳнӣ гирифта, тору пудашро баҳри шукуфоии ин сарзамин бахшид. Обу ҳавои мусаффою беғубор ва чашмасори деҳаи Нӯшор ва муҳити фарҳангзои Тоҷикобод ба камолоти минбаъдаи маънавиаш мусоидат намуд. Дар баробари фаъолияти меҳнатӣ аз мутолиаи чӣ адабиёти илмиву истеҳсолӣ ва чӣ бадеӣ фориғ набуд, балки ҳаёти бе китоб дар тасаввураш намеғунҷид.

Махсум Фозилов дар ҳар куҷое ифои вазифа дошт, набзаш ба нафъи халқу Ватан метапид. Ҳанӯз дар айёми пойбарҷоии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ихтисоси таърихшинос аз Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (соли 1976) қаноат накарда, дертар дар донишгоҳи номбурда тахассуси иқтисодӣ (соли 1983)-ро ҳам бо мутолиа ва заҳмати шабарӯзӣ соҳиб шуд. Худи ҳамон сол ӯ ба сифати сайёҳ ба Ҷумҳурии Югославия сафар карда буд.

Дар фосилаи кӯтоҳи умр ин марди наҷиб дар рушди маориф ва дараҷаи некуаҳволии мардуми ноҳияҳои Ёвон, Ғарм ва Тоҷикобод саҳми босазо гирифта, ба равнақи истеҳсолоти ватанӣ такони мусбат ворид кардааст. Бешак, дар солҳои вазнини даргириҳои дохилӣ аз сиёсати хирадмандонаи Сардори давлатамон Эмомалӣ Раҳмон барканор нарафта, дар барқарории Ҳукумати конститутсионӣ, аз роҳи таблиғу фаҳмондадиҳӣ ба омма ин роҳбари ботаҷриба фаъолияти шоистаеро роҳандозӣ кардааст. Аз ин лиҳоз, мардум дӯсташ дошта, бо муҳаббат аз ӯ ёдоварӣ мекунанд.

Аз баромадҳои пурмӯҳтавои раиси ноҳияи Тоҷикобод Махсум Фозилов оид ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ бармеояд, ки сарфи назар аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, ҷиҳати ба эътидол овардани вазъ, баробари иҷрои супоришу дастурҳои роҳбарияти олии сиёсии давлат ва



Ҳукумати ҷумҳурӣ низоми беҳалали корро таъмин карда тавонистаанд. Тасмим гирифта шуд, ки масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар самтҳои таъмини озуқаворнии мамлакат, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва истиқлолияти энергетикии кишвар чораву тадбирҳои судманд андешанд.

Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раштонзамин, аз ҷумла ба Тоҷикобод (соли 2010) дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми диёр таҳаввулот ворид намуд. Баъди ин сафар Ҳукумати ҷумҳурӣ Нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуд, ки мутобиқи он масъулини вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати ба истифодадиҳии қисми якуми канали Себистон, оғози корҳои сохтмонӣ дар қисми дуюми канали мавзеи Регак, тахту ҳамвор намудани 188 гектар замини мавзеи Дашти Боқӣ, сохтмони меҳмонхона барои 50 ҷой, анҷом бахшидани сохтмони бинои комиссариати ҳарбӣ, идораи шабакаи барқи ноҳия ва барқарории роҳи автомобилгарди шашкилометра миёни деҳоти Гулистон-Нӯшор-Сари пул супоришҳои мушаххас гирифтанд.

Метавон гуфт, ки дар ин давра дар доираи Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид Барномаи рушди ноҳияи Тоҷикобод тарҳрезӣ шуда, аз соли 2011 инҷониб амалӣ шуда истодааст, ки ба инкишофи хоҷагии халқ, болоравии сатҳи зиндагии одамон ёрии ҳамаҷониба мерасонад.

Бояд гуфт, ки танҳо соли 2010 ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ аз рӯйи маълумоти оморӣ 60 миллиону 100 ҳазор сомониро ташкил дода буд, ки қиёсан ба ҳамин давраи порсола 3 миллиону 940 ҳазор сомонӣ афзалият дорад. Нақшаи сол бобати пардохтҳои андозӣ пурра таъмин карда шуд. Яъне, ба ҷойи 1847,7 ҳазор сомонӣ иҷрои нақшаи умумӣ ба 2104,7 ҳазор сомонӣ расид, ки ин ба 113,9 дар сад рост меояд. Ба буҷет воридсозии андозҳои маҳаллӣ 1771,2 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст, ки он 71,2 ҳазор сомонӣ аз нақша зиёд мебошад.

Кишоварзӣ аз соҳаи сердаромади водӣ ба шумор меравад. Соли 2008, сарфи назар аз номусоидии обу ҳаво, кишоварзон маъракаи киштукорро сари вақт гузаронида, ҳосилро беталаф ҷамъ оварданд. Ноҳия дорои 3372 гектар замини корам мебошад, ки аз ин 1942 гектарашро заминҳои обӣ ташкил медиҳад. Истеҳсоли ғалла ба 5800 тонна, картошка ба 20054 тонна, сабзавот ба 2636 тонна расонида шуд. Масалан, ҳосилнокии ҳар гектар ғаллазор дар хоҷагиҳои аҳолӣ ба 23 ва дар хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва инфиродии деҳқонӣ 20 сентнерӣ рост меояд. Ҳосилнокии ҳар гектар картошказор дар ноҳия 310, дар хоҷагиҳои ҷамоавӣ бошад, 225 сентнериро дар бар мегирад. Дар майдони 28 гектар боғи нав ва 11 гектар боғи пешина барқарор гардид, ки он иҷрои нақшаро мувофиқи барномаи давлатӣ таъмин менамояд. Васеъ намудани майдони кишти картошка дар мавзеъҳои баландкӯҳи Регак, хоҷагии ба номи А.Қаландаров, Сафедоб, Дашти Боқӣ мувофиқи матлаб аст.

Роҳбари хушсалиқа Махсум Фозилов, ки зинаҳои гуногуни фаъолиятро гузашта буд, бо тамоми ҳастияш мекӯшид, ки сатҳи зиндагии мардум сол то сол беҳтар шуда, дастархонашон пурфайзу бобаракат бошад. Ба истифодаи мақсадноки амволи хусусигардонда назорати қатъӣ бурда, ободонии ин пораи кӯҳистони тоҷикро муҳим мешуморид. Ҳамзамон ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ мароқи аввалиндараҷа зоҳир мекард. Аз ҷониби Барномаи Рушди СММ лоиҳаи хати оби нӯшокии деҳаи Полезак бо маблағи умумии 190 490 сомонӣ, инчунин бо мадади Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар ду лоиҳаи дигари хати оби нӯшокӣ дар деҳоти Фатҳобод ва Шарқиён ба маблағи 57024 сомонӣ татбиқ гардид, ки мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин росто, бо маблағгузории Барномаи Рушди СММ Маркази дастгирии Лангари Шоҳ се лоиҳаи ба кашидани хати оби нӯшокӣ, таъмири канал ва роҳи чарогоҳ мансубиятдошта бо маблағи 120416 сомонӣ анҷом пазируфт. Дар маркази дастгирии Нӯшор низ се лоиҳа дар самти кашидани хати оби нӯшокӣ, харидорӣ ва насби трансформаторҳо ба маблағи 225200 сомонӣ амалӣ гардидааст. Ба барномаи грантии Олмон 4 лоиҳа барои дастгирӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст, ки дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ то андозае мушкилоти ҷойдоштаи мардумро рафъ месозад.

Ин марди парастори омма ба рушди соҳаи маориф эътибори хоса медод. Бахри мустаҳкамии робитаи мактаб ва оила тадбирҳои мушаххас меандешид. Масалан, барои се нафар донишҷӯдухтарони аълохон идрорпулии раиси ноҳияро таъсис дода буд. Мутобиқи пешниҳоди рӯйхати садоратҳои макотиби олӣ идрорпулӣ ба арзандатаринҳо супорида мешуд. Ин далел кофист, ки соли 2010 аз ҳисоби хатмкардагон 116 нафар ба макотиби олӣ дохил шудаанд, ки 23 нафарашон тибқи квотаи Президентӣ бо номи пуршарафи донишҷӯ сазовор гардидаанд.

Ҳамзамон бо мақсади пайванди ногусастанӣ бо толибилмон, дар ҳайати масъулини мақомоти дахлдор, омӯзгорон ва соҳибкорон дар пойтахт Шӯро созмон дода буд ва ба фаъолияти он пайваста назорат мебурд. Ҳадаф аз ташкили Шӯро муайян намудани сатҳи донишу қобилияти ҷавонон буд, ки онҳо оянда метавонанд дар рушди маорифи кишвар саҳмгузор бошанд.

Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Тоҷикобод Махсум Фозилов зимни муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз тариқи матбуоти даврӣ андешаҳои ҷолибе изҳор дошта буд. Номбурда моҳият ва зарурати қабули чунин қонунро саривақтӣ ва фарзандонро захираи бебаҳои инсонӣ арзёбӣ менамуд. Аз ин рӯ, иҷлосияи чоруми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба ташкили гурӯҳҳои корӣ ҷиҳати шарҳу тавзеҳи лоиҳаи қонун қарор қабул намуд.

Ӯ ба раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи бемисл зоҳир мекард. Соли 2010 дар ноҳия 646 маърака гузаронида шуда буд, ки дар ҳар кадомаш ба ҳисоби миёна 720 долларӣ сарф гардидааст. Ин бошад, дар қиёс ба ҳамин давраи порсола 24 доллар камтар мебошад. Яъне, аз ҳисоби сарфа 92 сар чорвои калон ва 85 сар чорвои майда ба буҷети оилаҳо фоида овардааст. Вале ин маънои онро надорад, ки дар ин самт ҳаргиз норасоӣ мавҷуд набошад. Аммо гузаронидани рейдҳои муштарак имкон доданд, ки камбуд ва харҷи барзиёд батадриҷ аз миёна рафта, таҷлили ҷашну маросимҳо ба маҷрои аслӣ дарояд.

Раиси ноҳия Махсум Фозилов соҳаи тандурустиро аз ҳама муқаддам медонист ва барои равнақи он ҷиддан талош варзида, аз болои кори соҳа назорат мебурд. Дар доираи ислоҳоти соҳа муассисаҳои тандурустии ноҳия ба ду шоха: хадамоти бистаригардонӣ ва ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ҷудо гардиданд. Навсозии ду ҳуҷраи эҳёгарӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон дар шӯъбаи бемориҳои дарунии шифогоҳи марказӣ ва ду ҳуҷраи намунавӣ дар шӯъбаи бемориҳои кӯдакона, таъмиру таҷҳизонидани ҳаммом, ободонии атроф, харидории рентгени сайёр, дастгоҳи ташхиси умумии лаборатории ФЭК, дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ барои таваллудхона, асбобҳои гармидиҳӣ ва дигар намуди лавозимоти лабораториву ҷарроҳӣ бо маблағгузории буҷет, Вазорати тандурустӣ ва ташкилоти ЮНИСЕФ сурат гирифтааст.

Роҳбари дилогоҳ инсонҳоро дар меҳнати ҳалолу покиза ба нафъи омма зеботар медид. Бисёр талош мекард ва гоҳе хобу хӯр ҳам надошт, тадбир меҷуст, ки камбудиҳои ҷойдоштаро аз реша барканад. Мекӯшид, ки шӯъба, филиал ва нуқтаҳои ваколатдори бонкии ноҳия ба хотири рушди соҳаи кишоварзӣ қарзҳои дарозмӯҳлат ва имтиёзнок ҷудо созанд. Ба соҳаҳои хоҷагии халқ мутахассисон аз ҳисоби занону духтарон ҷалб карда шаванд. Зеро, боварӣ дошт, ки бонувони тоҷик бо ақлу хиради азалӣ аз ӯҳдаи корҳои азим мебароянд. Аз Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ дархост мекард, ки зимни тақсимбандии квотаи президентӣ ихтисосҳои марбут ба соҳаҳои тиб, иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносро бештар ба инобат гиранд.

Ҳар нафас ин фарзанди бонангу номус ва дилогоҳу ғамхор пойбанди андешаҳо барои созандагиву шукуфоии як пора мулки офтобиву биҳиштосои Тоҷикистон реҷа кашида, самари онро дидан мехост. Ӯ бо дарди миллат ошно буд ва аз арзишҳои волояш дифоъ мекард. Аз соли 1998 инҷониб узви Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон буд. Ҳамеша ва дар ҳама ҷой шукр мегуфт, ки халқ сиёсати ибратомӯзи Сардори давлатамонро дастгирӣ менамояд.

- Роҳнамоии сиёсатмадоре, ки ӯро ҷаҳониён эътироф кардаанд, барои хурду бузургамон мояи ифтихор аст ва хоҳад буд, - мегуфт ӯ.

Ҷавонмарди ҳушманд аз Ваҳдати ягонагии халқи Тоҷикистон меболид. Орзуву омоли зиёде ба дил мепарвариду хушнудӣ мекард, ки тоҷиконро дар ақсои олам мешиносанд. Ҳайфо, микрози аҷал шоҳгули орзуҳои сабзи ӯро бибрид. Ёддоштҳои сабзи ӯ дар қалби ёрони боҳимматаш монда аст…

Хидматҳои пурсамар ва бисёрсолаи Махсум Фозилов бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени «Дӯстӣ» ва дигар инъомҳо қадрдонӣ гардидааст.

Ёдат ба хайр, марди ватандор!

***Сипеҳри ҲАСАНЗОД***

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 10501/-479 | Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мебел ва таҷҳизоти корхона | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 7.05.2012 соат 9$^{00}$ |
| 1051/1-480 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 72 | 26.04.2012 соат 9$^{00}$ |
| 1052/1-481 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 Сӯзишвории дизелӣ (солярка) | сомонӣ | 175000 | 26.04.2012 соат 9$^{30}$ |
| 1053/1-482 | Маркази тиббии Идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 5 | 26.04.2012 соат 9$^{30}$ |
| 1054/1-483 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 11 | 26.04.2012 соат 10$^{00}$ |
| 1055/2-343 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти майдадонаи гарм Битум | тонна тонна | 500 10 | 26.04.2012 соат 9$^{00}$ |
| 1056/2-344 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти майдадона | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 26.04.2012 соат 9$^{30}$ |
| 1057/2-345 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Гӯшти мурғ Шири хушк | кг кг | 1400 1400 | 26.04.2012 соат 10$^{00}$ |
| 1058/3-202 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5, ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории биноимактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 7.05.2012 соат 9$^{00}$ |
| 1059/3-203 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №29, ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории биноимактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 26.04.2012 соат 9$^{00}$ |
| 1060/3-204 | Корхонаи воҳиди давлатии сохтмони асосии ноҳияи Рӯдакӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Бо панҷараи оҳанин маҳкам намудани атрофии мактаби №19 | тибқи санади нуқсонӣ | | 26.04.2012 соат 9$^{30}$ |
| 1061/3-205 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии лагери «Орзу» | тибқи санади нуқсонӣ | | 26.04.2012 соат 10$^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррааргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти (№41 (2868) аз 10 апрели соли 2012 ) рақамҳои ДИО (даъватномаи иштироки озмун) таҳти № 973/3-431, 974/3-432,975/3-433, 962/3-429, 977/3-444, 976/3-434, 963/3-430 мувофиқан № 973/3-177, 974/3-178,975/3-179, 962/3-175, 977/3-181, 976/3-180, 963/3-176 хонда шаванд.




### Корхона сарпараст пайдо кард

**ҚӮРҒОНТЕППА. (М. РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»)** Корхонаи трансформаторбарории шаҳри Қӯрғонтеппа дар симои Бонки АвруОсиё сарпараст пайдо кард. Бонки мазкур ҳавасмандии худро бо ҷудо кардани қарз ба маблағи 10 миллион доллари амрикоӣ бо андозаи аз 5 то 10 фоизи солона ба Корхонаи трансформаторбарории тоҷик зоҳир намуд.

-Дар сурати ба мувофиқа расидан маблағи номбурда дар ду давра, аз ҷумла шаш миллион доллар барои харида овардану насб кардани таҷҳизоти замонавӣ, таъмири коргоҳҳо, 3 миллион доллар барои харидории ашёҳои хоҷагӣ ва боқимонда барои бозомӯзии коргарону мутахассисон сафарбар мегардад, - мегӯяд раиси корхонаи мазкур Зикрулло Бекматов.

### Ба раиси вилоят муроҷиат карданд

**КОНИБОДОМ. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом рӯзи қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода баргузор гардид. Ба раиси вилоят дар ин рӯз 214 нафар сокинони шаҳр, аз ҷумла 156 нафар барои таъмин карданашон бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ муроҷиат намуданд.

Зикр бояд намуд, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин дам 2300 нафар сокинони шаҳрро бо қитъаҳои замин таъмин кардаанд. То моҳи сентябри соли равон ниёзмандони боқимонда низ бо замини наздиҳавлигӣ таъмин мешаванд.

Сокинон ҳамчунин ба раиси вилоят оид ба масъалаҳои таъмир ва сохтмони мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, таъминот бо оби нӯшокӣ ва полезӣ муроҷиат карданд.

### Бунёди боғот бо таври ҳашар сурат мегирад

**ВАҲДАТ. (М. ЗОКИР, Садои мардум» )** Мутобиқи дурнамои рушди соҳаи боғу токпарварӣ ҳамасола дар шаҳри Ваҳдат боғҳои нав бунёд мегарданд. Аз ҷумла сокинони деҳоти ба номи Абдулло Абдулвосиев аз рӯзҳои мусоиди фасли баҳор самаранок истифода бурда, дар домани талу теппаҳои ҳудуди деҳот дар майдони 24 гектар боғи дарахтони мевадиҳанда ва токзор бунёд карданд. Дар амалӣ кардани ин тадбир беш аз 500 нафар сокинон ва мутахассисони соҳа иштирок намуданд. Онҳо тавассути ҳашар заминҳои бекорхобидаро тахту ҳамвор карда, дар баробари шинонидани дарахтони нав боғҳои мавҷударо низ барқарор мекунанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки давоми панҷ соли охир дар шаҳри Ваҳдат зиёда аз 600 гектар боғи нав бунёд ва зиёда аз 400 гектар боғу токзори мавҷуда барқарор шудааст. Айни ҳол боғҳое, ки чанд сол қабл бунёд шуда буданд, ба самар даромадаанд.

### Замини боғ пурсамар истифода бурда мешавад

**НОРАК. (Ҳ. МИРЗОЕВ)** Дар шаҳри Норак боғу токпарварӣ сол то сол рушд ёфта, боғҳои кӯҳна аз нав барқарор мегарданд. ҶДММ «Боғи анор», ки сарвараш Алимурод Асоев мебошад, дар замини санглох ба масоҳати 35 гектар анорбоғро барқарор намудааст. Коргарони ҷамъияти мазкур корро баҳори соли гузашта оғоз намуда, баҳори имсол ба сомон расонданд. Дар ин замин 35 ҳазор бех ниҳоли анор шинонида шудааст. Дар байни ниҳолон пиёз, сирпиёз, гулу буттаҳои ороишӣ ва дигар зироатҳо парвариш меёбанд. Меҳнатдӯстони ҶДММ «Боғи анор» ният доранд, ки соли ҷорӣ ба истиқболи 15- солагии Ваҳдати миллӣ ва 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз дар масоҳати 10 гектар ҳудуди анорбоғро васеъ намоянд.

### Ярмаркаи фурӯши ниҳол баргузор гардид

**ХОРУҒ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Хоруғ ярмаркаи фурӯши ниҳолу тухмӣ баргузор шуд. Хоҷагиҳои ниҳолпарварии ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз, Рӯшону Шуғнон, Пажӯҳишгоҳи биологии Помир навъҳои серҳосили ниҳолҳои себу зардолу, чормағзу шафтолу, тухмии сабзавоту буттаҳои гулро ба фурӯш бароварданд. Дар ярмарка инчунин сокинони вулусволии Шуғнони вилояти Бадахшони Афғонистон ширкат доштанд. Чунин ярмарка дар маркази вилоят ҳар сол дар доираи амалисозии «Барномаи рушди боғдорӣ дар вилоят» ташкил мешавад.

-Мутахассисони комплекси агросаноатии вилоят дар ҳамкорӣ бо олимон ҳамасола корҳои пурарзишро анҷом медиҳанд, - мегӯяд сардори Раёсати кишоварзии вилоят Назрӣ Назриев. -Ин имконият медиҳад, ки бозору дӯконҳои меваю сабзавотфурӯшӣ тамоми сол аз меваи худӣ таъмин гарданд. Боғдорони ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ бошанд, дастранҷи хешро берун аз вилоят низ ба фурӯш мебароранд.

### Кишти тухми зироат оғоз гардид

**ФАЙЗОБОД. (М. ЗОКИР, Садои мардум» )** Кишоварзони ноҳияи Файзобод бо мусоид омадани обу ҳавои баҳорӣ ба кишт оғоз намуданд.

Айни замон шудгору кишти тухми зироат оғоз гардидааст. Кишоварзон тасмим гирифтаанд, ки имсол кишти картошкаро то ба 500 гектар расонанд. Онҳо, сарфи назар аз тӯл кашидани сардиҳои зимистони имсола, талош доранд, ки кишти баҳориро сари вақт анҷом дода, ҳосилнокии баланди зироатҳоро таъмин намоянд. Тибқи нақша хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд дар майдони 3383 гектар кишт гузаронанд. Бояд гуфт, ки то имрӯз 40 дар сади нақша иҷро гардидааст.

### 20 мактаби нав бунёд мешавад

**ҚУМСАНГИР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Яке аз аввалин иқдомҳое, ки Холмурод Раҳмонов ба ҳайси раиси нави ноҳия ба он даст зад, бунёди мактабҳост. Бо ин мақсад қарор аст, ки дар ноҳияи Қумсангир якбора 20 мактаби нав сохта шавад. Онҳо асосан бо усули ҳашар ва такя ба мардуми маҳал бунёд мегарданд. Ҳамчунин ёрии пулии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва дастгирии молиявии соҳибкорони маҳаллӣ низ дар назар аст. Дар бисёре аз ин дабистонҳои нав корҳои сохтмонӣ оғоз ёфтаанд. Тибқи нақша ин иншооти муҳими таълимӣ то моҳи июли соли равон бояд сохта шаванд. Мактабҳои мазкур дар маҳаллаҳое бунёд мегарданд, ки фарзандони бошандагонашон то ин дам чор- шаш километр роҳро тай намуда, барои таҳсил ба деҳаи ҳамсоя мерафтанд. Алҳол дар ноҳия 43 мактаб, як гимназия амал менамояд, ки дар онҳо беш аз 26 ҳазору 400 нафар хонанда таҳсил мекунанд.

### Ҷавонон ба хизмат мераванд

**РАШТ. (М. РИЗВОНОВ)** Аз деҳоти Ҳиҷборак, Аскалон ва шаҳраки Ғарм 32 нафар ҷавонон барои хизмат дар сафҳои Артиши миллии кишвар омодагии худро иброз доштанд. Ба муносибати гусели наваскарон дар маркази ноҳия бо иштироки падару модаронашон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Муовини раиси ноҳияи Рашт Назрихуҷа Мирзоев зимни суханронӣ таъкид дошт, ки хизмат ба Ватан қарзи ҳар як ҷавон аст. Номбурда ва дигар баромадкунандагон ба наваскарон баҳри хизмати содиқона дар Артиши миллӣ таманниёти нек карданд.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## АХБОРИ ИТТИЛООТИИ №1

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТЕНДЕРИ САРМОЯГУЗОРИИ № 1/1Т-РО ОИД БА ФУРӮШИ ИНШООТИ ИҶТИМОӢ ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

*(Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, телефон: 2217550, факс: 2215729)*

Барои иштирок дар тендери сармоягузорӣ шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва консорсиумҳо даъват карда мешаванд. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳои тендерии аризадиҳандагон дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ҳуҷраи кории №15 дар рӯзҳои корӣ анҷом дода мешавад. **Қабули ҳуҷҷатҳо 11 майи соли 2012 соати 17$^{00}$ ба охир мерасад.**

Тендер тибқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар тендерҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 таҳти №98 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Хоҳишмандон метавонанд Низомномаи мазкурро бо тариқи электронӣ аз сомонаи Кумита www. gki. tj дастрас намоянд.

Аризадиҳандаҳо барои ба қайд гирифтан бояд мувофиқи талаботи Низомнома дар бораи тартиби фурӯши моликияти давлатӣ дар тендерҳо ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд ва пардохти кафолатиро дар ҳаҷми 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот супоранд. Пардохти кафолатӣ ба суратҳисоби зерини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад:

- бо доллари амрикоӣ: Credit Suisse Zurich, Switzerland SWIFT: CRESCHZZ80A Acc: 91223964 National Bank of Tajikistan SWIFT: NATJTJ 22 Acc: 22696840600010 Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan;
- бо сомонӣ: Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, РМА 010010058 Суратҳисоб № 20204972561010100004 АМБ 350101800, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пардохти кафолатӣ ба нархи фурӯши лот дохил мешавад.

Шартҳои тендери сармоягузорӣ чунин аст:

- харидори иншооти иҷтимоӣ дар муддати то 7 сол наметавонад соҳаи фаъолияти иншооти хусусигардидаро тағйир диҳад.
- маблағи сармоягузории иштироккунандаи тендер бояд на камтар аз 50 фоизи нархи ибтидоии иншоотро ташкил диҳад, ки он дар мӯҳлати 24 моҳ пас аз имзои шартномаи хариду фурӯш пардохт карда мешавад.

Ғолиби тендер иштироккунандае дониста мешавад, ки маблағи умумии пешниҳодҳои молиявӣ ва техникии ӯ аз ҳама зиёд аст. Пешниҳоди молиявии иштироккунанда аз арзиш барои харид ва маблағи сармоягузорӣ ба иншоот иборат мебошад.

Пешниҳоди техникии иштироккунанда маълумот оид ба зиёд намудани миқдори кормандон дар иншооти ба тендер баровардашударо дар бар мегирад. Шумораи пешниҳодгардидаи зиёд шудани кормандон бо ифодаи пулӣ дар ҳаҷми як маоши ҳадди ақалли моҳона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як корманд мубодила мегардад.

Дар ҳолати ғолиб омадан дар тендер, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда боҷи комиссионӣ дар ҳаҷми 5 фоиз ва боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 0,5 фоиз аз нархи фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Бо мақсади фаҳмонидани қоидаҳои гузаронидани тендер барои иштироккунандагон рӯзи 20 апрели соли 2012 соати 14$^{00}$ дар маҷлисгоҳи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27 конференсия гузаронида мешавад.

Маълумоти умумӣ дар бораи объектҳои иҷтимоӣ, ки ба тендери сармоягузорӣ бароварда мешаванд, дар ҷадвалҳои № 1 ва № 2 пешниҳод шудаанд.

### Иншоотҳое, ки дар тендери якдавра фурӯхта мешаванд — Ҷадвали № 1

| Рақами лот | Номгӯйи иншооти иҷтимоӣ | Суроға, телефон, факс | Соли ба истифода додани иншоот | Намуди асосии фаъолият | Масоҳати умумӣ, га | Арзиши ақалли лот бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Файзбахш» | ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Файзбахш | 1988 | Иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,14 | 300 000 |
| 2. | Минтақаи истироҳатии ҶСК «Пахтаи Пролетар» | ноҳияи Ҷ. Расулов, Ҷамоати деҳоти Деҳмой | 1979 | Минтақаи истироҳатӣ | 3,88 | 300 000 |

***Эзоҳ:*** хоҳишмандон метавонанд бо иншоот дар вақти корӣ шинос шаванд. Натиҷаҳои баррасии пешниҳодҳои иштироккунандагони тендери якдавра дар мӯҳлати то 18 майи соли 2012 дар тахтаи эълонҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27 ҷойгир карда мешавад.

### Иншоотҳое, ки дар тендери дудавра фурӯхта мешаванд — Ҷадвали № 2

| Рақами лот | Номгӯйи иншооти иҷтимоӣ | Суроға, телефон, факс | Соли ба истифода додани иншоот | Намуди асосии фаъолият | Масоҳати умумӣ, га | Арзиши ақалли лот бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом, кӯчаи У. Қурбонов | 1940 | Иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,74 | 1 000 000 |
| 2. | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Комбинати гӯшту консерва» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шмидт 82 | 1968 | Иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,45 | 1 000 000 |
| 3. | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Газоаппаратура» (ҳоло ҶДММ «Дӯстӣ-Амирхон») | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи №3 | 1983 | Иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,95 | 1 000 000 |
| 4. | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Фабрикаи ресандагӣ-бофандагӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Коргар 44 | 1948 | Иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,55 | 1 000 000 |
| 5. | Маҷмааи саломатии (ФОК) ҶСК «Заводи арматурии ба номи С. Орҷоникидзе» (ҳозира Корпоратсияи РЭМА) | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Ҷомӣ 2/1 | 1991 | Хизматрасонии варзишию солимгардонӣ | 0,82 | 800 000 |
| 6. | Истироҳатгоҳи ҶСК «СПМК-1» | шаҳри Ваҳдат, дараи Ромит | 1981 | Минтақаи истироҳатӣ | 0,65 | 500 000 |
| 7. | Боғчаи бачагонаи «Ласточка»-и ҶСК «Суруш» | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Фабрика 1 | 1969 | Иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,79 | 1 000 000 |

***Эзоҳ:*** иштироккунандагоне, ки аз интихоби квалификатсионии тендери дудавра гузаштаанд, метавонанд бо иншоот дар вақти корӣ шинос шаванд. Натиҷаҳои интихоби квалификатсионии тендери дудавра дар мӯҳлати то 18 майи соли 2012 дар тахтаи эълонҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27 ҷойгир карда мешавад.

## ИНФОРМАЦИОННОЕ СООБЩЕНИЕ №1

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОМИТЕТ ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОБЪЯВЛЯЕТ ИНВЕСТИЦИОННЫЙ ТЕНДЕР № 1/1Т ПО ПРОДАЖЕ СОЦИАЛЬНЫХ ОБЪЕКТОВ

*(Адрес: город Душанбе, улица Шотемура 27, телефон: 2217550, факс: 2215729)*

Для участия в инвестиционном тендере приглашаются физические и юридические лица, а также консорциумы. Регистрация тендерных документов заявителей производится по адресу: город Душанбе, улица Шотемура 27, кабинет №15 в рабочее время и заканчивается в 17$^{00}$ часов 11 мая 2012 года.

Тендер проводится в соответствии с Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на тендерах, утвержденным Постановлением Правительства Республики Таджикистан №98 от 1 марта 2004 г. Текст положения можно получить в электронной форме с сайта Комитета www. gki.tj.

Для регистрации заявителям необходимо представить документы, указанные в Положении о порядке продажи объектов государственной собственности на тендерах и оплатить гарантийный взнос в размере 350 показателей для расчетов за один лот. Оплата производится на расчетный счет Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан:

- в долларах США: Credit Suisse Zurich, Switzerland SWIFT: CRESCHZZ80A Acc: 91223964 National Bank of Tajikistan SWIFT: NATJTJ 22 Acc: 22696840600010 Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan;
- в сомони: Главное управление казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, расчетный счет 20204972561010100004 МФО 350101800, ИНН 010010058, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан.

Гарантийный взнос засчитывается в счет оплаты цены продажи лота.

Условия инвестиционного тендера следующие:

- покупатель социального объекта в течении 7 лет не может менять сферу деятельности приватизированного объекта;
- сумма инвестиций участника тендера должна составлять не менее 50 процентов от стартовой стоимости объекта, которое должно погашаться в течение 24 месяцев с момента заключения договора купли-продажи.

Победителем тендера признается участник, предложивший самую высокую общую сумму финансового и технического предложения. Финансовое предложение участника состоит из стоимости объекта и суммы инвестиций.

Техническое предложение участника включает в себе информацию об увеличении количества работников объекта выставленного на тендер. Количество предложенных работников конвертируется в денежное выражение с учетом размере одной минимальной месячной заработной платы в Республике Таджикистан на одного работника.

В случае победы на тендере, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный взнос в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, которые не включаются в цену продажи лота.

С целью разъяснения процедуры проведения тендера для участников 20 апреля 2012 года в 14$^{00}$ часов в зале заседаний Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан по адресу: город Душанбе, улица Шотемура 27 состоится конференция.

Общие данные социальных объектов, выставленных на инвестиционный тендер представлены в таблицах №1 и № 2.

### Объекты, которые будут проданы на одноэтапном тендере — Таблица № 1

| Номер лота | Наименование социального объекта | Адрес, телефон, факс | Год ввода в эксплуатацию | Основной вид деятельности | Общая площадь, га | Минимальная цена лота в сомони |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Детский сад ОАО «Файзбахш» | Гиссарский район, Сельский джамоат Навобод, село Файзбахш | 1988 | Выполнение задач учреждений системы образования | 0,14 | 300 000 |
| 2. | Зона отдыха ОАО «Пахтаи Пролетар» | Дж. Расуловский район, Сельский джамоат Дехмой | 1979 | Зона отдыха | 3,88 | 300 000 |

***Примечание:*** желающие лица могут ознакомится с объектом в рабочее время. Результаты рассмотренных предложений участников одноэтапного тендера выставляются на доске объявлений Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан в срок до 18 мая 2012 года по адресу: город Душанбе, улица Шотемура 27.

### Объекты, которые будут проданы на двухэтапном тендере — Таблица № 2

| Номер лота | Наименование социального объекта | Адрес, телефон, факс | Год ввода в эксплуатацию | Основной вид деятельности | Общая площадь, га | Минимальная цена лота в сомони |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Детский сад ОАО «Бодом» | город Конибодом, улица У. Курбонова | 1940 | Выполнение задач учреждений системы образования | 0,74 | 1 000 000 |
| 2. | Детский сад ОАО «Комбинати гӯшту консерва» | город Душанбе, улица Шмидт 82 | 1968 | Выполнение задач учреждений системы образования | 0,45 | 1 000 000 |
| 3. | Детский сад ОАО «Газоаппаратура» (ООО «Дӯстӣ-Амирхон») | город Худжанд, микрорайон №3 | 1983 | Выполнение задач учреждений системы образования | 0,95 | 1 000 000 |
| 4. | Детский сад ОАО «Фабрикаи ресандагӣ-бофандагӣ» | город Душанбе, улица Коргар 44 | 1948 | Выполнение задач учреждений системы образования | 0,55 | 1 000 000 |
| 5. | Физкультурно - оздоровительный комплекс ОАО «Заводи арматурии ба номи С. Орджоникидзе» (ныне Корпоратсия РЭМА) | город Душанбе, улица А. Джоми 2/1 | 1991 | Спортивно-оздоровительные услуги | 0,82 | 800 000 |
| 6. | Зона отдыха ОАО «СПМК-1» | город Вахдат, Ромитское ущелье | 1981 | Зона отдыха | 0,65 | 500 000 |
| 7. | Детский сад «Ласточка» ОАО «Суруш» | город Истаравшан, улица Фабрика 1 | 1969 | Выполнение задач учреждений системы образования | 0,79 | 1 000 000 |

***Примечание:*** участники, прошедшие квалификационный отбор двухэтапного тендера могут ознакомиться с объектами в рабочее время. Результаты квалификационного отбора двухэтапного тендера выставляются на доске объявлений Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан в срок до 18 мая 2012 года по адресу: город Душанбе, улица Шотемура 27.




## Объявление на замещение вакантных должностей

**Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

**Главного специалиста по закупкам.**

Квалификационные требования:

· высшее образование (юридическое, экономическое, деловое управление или инженерия);
· знание руководящих принципов и политики закупок Всемирного банка
· опыт закупочной работы в международных финансируемых проектах (предпочтительно Всемирный банк) не менее 3 лет;
· опыт в подготовке и реализации проектов;
· хорошие знания местных законов и процедур;
· хорошие способности к аналитической работе;
· коммуникабельность и опыт ведения деловых переговоров;
· знание таджикского, русского и английского языков;
· компьютерные навыки.

Подробное описание заданий можно получить в Центре управления Проектом.

Биография, копия диплома, резюме и др. документы должны быть доставлены до 17$^{00}$ ч., 2 мая 2012 г. по адресу:

г. Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, ЦУП, 4-й этаж.

Тел: 233 88 25, 233 13 30

Почта Эл. office@midp.tj

## ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №947/3-173, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №39-40 (2866-2867) аз 6 апрели соли 2012 нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо 18 апрели соли 2012 хонда шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Файзов Умедҷон Абдурауфович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008636 бо РЯМ 0930001206 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 сентябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Файзов Комилҷон Шодибекович , ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008642 бо РЯМ 0930001252 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 3 сентябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Саидова Угуль Абасовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0087660 бо РЯМ 0930030769 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

ҶДММ «Шоколандия», дорои РМА 030020810, РЯМ 0310010333, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Фучик, гузаргоҳи 2, хонаи 3, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи Г №06369-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2006 ба Азимов Маъруф Мирзораҳимович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии силсилаи ГО №7470-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2007 ба Хоҷаев Сӯҳробҷон додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Севастопол, гузаргоҳи 1, хонаи 14 «а» ба Бобокалонов Ҷамшед Ҳалимович додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Кутузов, хонаи №10 соли 1993 ба Дадахонов Осимхон Носирхонович додааст, эътибор надорад.

➘ Дипломи серияи МТ-1 №101419-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи (ҳозира коллеҷи) тиббии шаҳри Душанбе соли 1991 таҳти қайди №648 ба Ниёзов Шарифжон Маҳмадҳаитович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйӣ ва дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2005 ба Султонов Тағайхуҷа Тохирович додааст, эътибор надорад.

➘ Шартномаи хариду фурӯши № 8Ш-6023-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Ю. Вафо, хонаи 83, ҳуҷраи 23-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 ноябри соли 2007 ба Ҷалолова Бибирузӣ Буриевна додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтарчаи имтиҳонии № 09/22-и гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2009 ба Ойзода Ҳабиб додааст, эътибор надорад.

➘ Дипломи дар сӯхтор нобудшудаи силсилаи ИВ № 966588, ки онро Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) соли 1982 ба Ғайратов Чагони додааст, эътибор надорад.

Аҳли кормандони КВД «Тоҷиксуғурта» ба директори генералии корхона нисбати марги нобаҳангоми

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 16 апрели соли 2012, соати 20.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха

Навбатдори шумора Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова